Ml тоз 1
К-69

# ҚИССАИ ГУРГУ РӮБОҲ ВА ШЕР

3



Ш1 тоҷ1
Қ-69

АЗ СИЛСИЛАИ ҚИССАҲОИ «МАСНАВИИ МАЪНАВӢ»

БА ИФТИХОРИ 20-СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ
ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ҚИССАИ ГУРГУ РӮБОҲ ВА ШЕР

3

Душанбе
«Адиб»
2011

Бозгӯи *Гулназар*
Муҳарир *Фарҳоди Карим*

«Маснавии маънавӣ», ки номи фарзанди фарзонаи тоҷик Мавлоно Ҷалолиддини Балхиро ҷовидон гардонидааст, дар саросари олам маълуму машҳур аст. Абдураҳмони Ҷомӣ дар васфи ин асар фармудааст:

***Маснавии маънавии Мавлавӣ***
***Ҳаст Қуръон дар забони паҳлавӣ.***

Мавлавӣ дар «Маснавии маънавӣ» барои тақвияти андешаву афкори худ аз бисёр қиссаву ривоятҳои халқӣ истифода кардааст. Инак, қиссаи сеюм.

ISBN 978-99947-2-095-8

16111 2/3

© Нашриёти «Адиб», 2011

Рӯзе Шеру Гургу Рӯбоҳ ба шикор рафтанд. Ҳарчанд назари Шер ҳамроҳонашро намегирифт, аммо лутф карду ба шикоргоҳашон бурд. Ҳаво форам буду кӯҳу пушта пур аз сайд. Корашон омад кард. Гову бузу харгӯш шикор карданд, бо табъи болидаву дили шод ба ҷойи зисташон баргаштанд.

Шер мушоҳида мекард, ки нафси бади Гургу Рӯбоҳ ба туғён омадааст ва онҳо чашми гуруснаи худро аз сайдҳо намеканaнд. Шоҳи ҳайвонҳо ба худ гуфт: «Эй аблаҳон! Ҳолӣ ман шуморо танбеҳ медиҳам».

Шер ба Гург рӯ оварда гуфт:



– Эй Гург! Ту имрӯз дар тақсими сайдҳо мададгори ман бош. Ҳар чӣ дорем, аз рӯйи адлу инсоф байнамон тақсим кун.

Гург пеш омаду гови ваҳширо ба миён кашид ва лаб кушод:

– Эй Шери ҷасур. Ту ки аз мо калонтару пурзӯртар ҳастӣ, ин гови калони фарбеҳ аз они туст.

Гург говро кашолкунон ба назди Шер овард. Баъд гуфт:





– Ин бузи миёнаҳоли на харобу на фарбеҳ аз ман аст.

Вай бузро ба канор гузошт ва ба рӯбоҳ рӯ овард:

– Рӯбоҳҷон ту, ки аз ману Шер хурдтар ҳастӣ, ҳамин харгӯш туро кифоя мебошад.

Шер, ки аз хашм меларзид, дод зад:

– Эй Гурги аз хар бадтар! Ту худ чӣ ҳастӣ, ки дар назди шоҳи ҳайвонҳо «ману ту» мекунӣ, нохалаф?!

Пеш омаду панҷа ба Гург зад ва ӯро ду пора кард. Баъд ба Рӯбоҳ гуфт:

– Ту сайдҳоро акнун байнамон тақсим кун.

Рӯбоҳ ларзону ҳаросон ба тақсим кардани гову бузу харгӯш сар кард. Бо овози ларзон, бо хушомаду хушгӯӣ гуфт:

– Эй Шери шоҳи шерон! Ин гови фарбеҳ хӯроки субҳгоҳии шумост.

Рӯбоҳ говро кашолкунон назди Шер овард. Баъд ба сари буз омад.

– Шоҳо! Ин бузи гӯшташ мисли ҳалво ширин луқмаи нисфирӯзии шумост.



Шери аз рафтори Рӯбоҳ қаноатманд мунтазир буд, ки ин тақсимгар ниҳоят харгӯшро барои худаш мегирад. Аммо ин тавр нашуд. Рӯбоҳ бо оҳанги илтиҷоомез ва бо камоли хушомад гуфт:

– Эй Шери беҳамто! Эй пушти паноҳи мо! Эй зеби дашту саҳро! Харгӯше, ки аз ҳайбати шумо заҳракаф шуду ҷон ба ҷонофарин супорид, хӯроки шомгоҳии шумост.

Шери хурсанду сарбаланд ба назди Рӯбоҳ омаду ӯро қаноатмандона ба оғӯш гирифт ва пурсид:

– Эй Рӯбоҳи баадлу инсоф! Ту чунин тақсимгарии пур аз адолатро аз куҷо ва аз кӣ омӯхтӣ?

Рӯбоҳ, ки ҳанӯз ҳам дасту пояш меларзид, бо овози нимшунаво гуфт:

– Ман ин адолату инсофро аз ҳоли зори Гург омӯхтам. Вай, ки дар назди шумо, ҷаноби Шер, густохӣ карду худро бо шумо баробар ҳисобид, аз адлу инсоф бисёр дур рафта буд. Бинобар ин ҷазояшро дид.

Шер мӯйлабҳояшро шоҳона тоб доду гуфт:

– Оре, барои ҳамин ҳам мегӯянд, ки бо думи Шер бозӣ кардан нашояд.

# ҚИССАИ ГУРГУ РӮБОҲ ВА ШЕР

*(Барои хурдсолон)*

Ороиши *О. Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Р. Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *М. Саидова*
Ҳурфчин *Ш. Имомназарова*

Ба матбаа 30.06.2011. супорида шуд.
Чопа 7.07.2011 ба имзо расид. Ҷузъи чопӣ 1.
Андозаи 60x84 1/8.Адади нашр 5000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев, 17а.

9 789994 720958